# КОРРУПСИЯ - ЗАМИНАИ МАҲВИ ДАВЛАТ

Дар ҳамаи давру замонҳо ҳадафу мақсади аввалиндарачаи ҳар як давлат ва роҳбарияти сиёсии он бунёд ва ҳифзи рӯзгори осоиштаи халқу диёр, сарсабзӣ ва сарбаландии миллаташ дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Вале баҳри расидан ба ин аҳдоф укдаҳои печида ва монеаҳои ғайричашмдошт пеш меоянд, ки барои рафъи он кӯшишу талошҳои дастачамъонаи зиёде лозиманд. Бояд тазаккур дод, ки имрӯз инсоният дар арсаи хатарҳои нави глобалӣ, аз қабили экстремизму терроризм, паҳншавии маводи мухаддир, буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва амсоли инҳо қарор дорад. Айни замон ба гурӯҳи ин хатарҳои ояндасӯз коррупсия зам шудааст. Дар ин радиф коррупсия низ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ решаҳои амиқ давондааст, ки аз хатарҳои зикршуда тафовуте не, балки ба онҳо алоқамандии зич дорад.

Коррупсия воқеан яке аз ҷиноятҳои хавфовари сиёсие мебошад, ки он барои амалӣ гардонидани барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат монеаи зиёд эҷод мекунад. Он метавонад нобоварии шаҳрвандонро нисбат ба давлату ҳукумат ва сиёсати пешгирифтаи он ба бор орад ва минбаъд барои ҷинояткорӣ ва ба сари мақомоти қудратӣ омадани шахсони тасодуфӣ заминаи асосӣ гузорад.

Донишманди бузурги фаронсавӣ Ш.А. Монтеске гуфта буд: «Дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ тартиботи хуби ҷамъиятӣ аз байн рафта, дастгоҳи давлатӣ фалаҷ ва ба як чизи бекора мубаддал мегардад». Мусаллам аст, ки имрӯзҳо коррупсия доғи рӯзи тамоми мамолики ҷаҳони муосир гаштааст. Бешак, ин падидаи номатлуб дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ба чашм мерасад. Коррупсия феълан дар тафаккури ҷамъиятӣ фаҳмиш ва тафсири якхела надорад. Имрӯзҳо муносибати шаҳрвандон бо коррупсия мухталиф буда, онро бо ришва, сӯиистифода аз мансаб, пораситонӣ, судхӯрӣ, падидаи тамаллуқкорӣ, хушомад задан ва ғайра нисбат медиҳанд. Бо вуҷуди зиёд будани фаҳмиш ва назарияҳои гуногун нисбати коррупсия аксарияти одамон бар он ақидаанд, ки ин амал ҳамчун зуҳуроти манфӣ пояҳои ҷомеаро вайрон намуда, таҳаввулоти ҷамъиятро зери хатар мегузорад, вазъияти рифоҳӣ ва ахлоқии одамонро хароб мегардонад.

Дар ҳамагуна шароитҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқисодӣ аз байн бурдани коррупсия вазифаи аввалиндараҷаи давлату ҷамъият ба ҳисоб меравад. «Конвенсия Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия» маҳз ба хотири мубориза алайҳи коррупсия қабул шудааст. Муҳимияти ин ҳуҷҷати Созмони Милали Муттаҳидро ба назар гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда ба он имзо гузошт. Қонунҳо, фармонҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарорҳои Ҳукумат, ки дар даврaи соҳибистиқлолии кишвар ба тасвиб расидаанд, далели гуфтаҳои боло ва диққати ҷиддии Сарвари давлат дар самти мубориза бар зидди коррупсия мебошад.

Барҳақ, Роҳбари кишвар моҳи феврали соли гузашта зимни суханронӣ дар ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуда буданд: «Бо дарназардошти он ки коррупсия дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир асосҳои давлатдориро суст карда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегардад, мо ба масъалаи мубориза бар зидди ин падидаи нангин ва паст кардани сатҳи он диққати ҷиддӣ медиҳем ва гузашта аз ин, мубориза бо кирдорҳои коррупсионро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон кардаем.»

Бояд гуфт, ки барои пешгирӣ ва муқовимат намудани амалҳои коррупсионӣ роҳҳои зиёд низ вуҷуд доранд, ки яке аз онҳо фаъолияти дастаҷамъӣ мебошад ва барои ба ин мақсад расидан фаъолияту амалҳои ҳар як шаҳрванд ё хизматчии давлатӣ хеле зарур аст. Ба ин хотир, кулли мардуми Тоҷикистонро лозим аст, ки дар партави шукргузорӣ аз истиқлолу самараҳои он софдилона ва бо мақсади созандагиву бунёдкорӣ камари ҳиммат банданд.

**Неъматҷон ҚОДИРОВ,**
**донишҷӯйи курси 2,**
**факултети иқтисод ва идора**